# СОЛИ НАВ – ИҚБОЛИ НАВ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 8 (200) 24-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2024, СЕШАНБЕ

Инак, соли 2024 бо вуҷуди рӯйдодҳои ниҳоят муҳимму хотирмон ва саҳифаҳои таърихиву дурахшони худ, аз ҷумла ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ, 30- солагии Конститутсияи ҶТ, соли маърифати ҳуқуқӣ ва 75 - солагии факултети ҳуқуқшшиносии ДМТ ба поён расида, барои сокинони сарбаланди Тоҷикистон соли нави 2025 оғози марҳилаи сифатан нави корҳои бунёдкориву созандагӣ ва рушди бемайлони Ватани маҳбубамон фаро мерасад.

Бо як ҷаҳон таманниёти нек ва садоқати афзун мардуми сарбаланди мамлакатро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2025 самимона шодбош гуфта, барояшон тансиҳативу рӯзгори обод, саодатмандию комёбӣ ва дар амри иҷрои масъулияти баланди давлатию ҷамъиятӣ ба нафъи пешрафти Ватани маҳбубамон барори кор ва пешравиро орзу дорем.

Умедворем, ки бо меҳнати ҳалол ва заҳмату талошҳои хастанопазири мардуми тамаддунофару фарҳангсолор, ватандӯсту заҳматқарини тоҷик таҳти сарварии роҳбари оқилу тавоно – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли нав нуфузу эътибори давлати Тоҷикистон дар саҳнаи сиёсати хориҷӣ боз ҳам афзуда, сатҳи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандони кишвари азизамон бамаротиб боло меравад.

Мо, ҳайати омӯзгорону профессорон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ҳамчун ҳуҷҷати стратегии роҳнамо ва дурнамо ба назари эътибор гирифта, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, тарғибу ташвиқи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ беш аз ҳар вақти дигар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоем.

Бигузор аз файзу баракати соли нав дастурхони мардуми шарифи Тоҷикистон пур аз нозу неъмат, хонадони ҳар як оилаи тоҷик пур аз нишоту хурсандӣ, қалби кулли сокинон ва фарзандони фарзонаю сарбаланди Тоҷикистони азиз лабрез аз фараҳу шодӣ ва нурҳои офтоби сулҳу ваҳдат болои сари давлатамон ҳамеша дурахшон бошад.

**Бо камоли эҳтиром,**
**декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Мирзозода П.З.**



**Тибқи Конститутсия ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои муҳимми давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.**

**Ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст.**

**Яъне Конститутсия ва қонунҳо танҳо ба суд ваколат додаанд, ки инсонро аз озодӣ маҳрум созад, гунаҳгорӣ ва бегуноҳии шахсро муқаррар намояд, ҳаёт, қадру номус, моликият ва дигар ҳуқуқҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро ҳифз карда, волоияти қонун ва адолати иҷтимоиро таъмин намояд.**

**Тибқи меъёрҳои Конститутсия нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад.**

**Меъёрҳои Конститутсия кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошанд.**

**Бо дарназардошти он ки адолати судӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва боэътимоди ҳалли баҳсҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, судяҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ монанд.**

**Онҳо вазифадоранд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақилу беғараз бошанд ва қарорҳои судиро танҳо дар доираи талаботи қонун қабул намоянд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яъқуб ҲАКИМОВ**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ



Санаи 20 декабри соли 2024, дар толори ТСО-и Шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Ҷаласаи Шуро бо иштироки Мирзозода П.З. - декани факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор баргузор гардида, дар кори он масъалаҳои муҳими фаъолияти факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рафти ҷаласа як қатор масъалаҳои муҳим аз қабили ҳисоботи солонаи фаъолияти факултет барои соли 2024 пешниҳод ва мавриди муҳокима қарор гирифта, оид ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд. Ҳамзамон, вазифаҳо ва ҳадафҳои асосӣ барои соли 2025 муайян карда шуданд. Ҷаласа бо иштироки аъзоёни Шуро, устодони факултет ва намояндагони Раёсати Донишгоҳи миллӣ доир гардида, аҳаммияти таҳкими фаъолияти илмӣ-таълимӣ ва такмили раванди таълим дар соли оянда муқаррар карда шуд.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК, УСТОДОНИ АЗИЗ!





Боиси хушнудиву сарфарозист, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ рӯз аз рӯз сафи устодони унвондор рӯй ба афзоиш ниҳодааст. Далели ин гуфтаҳо ҳимояи як қатор устодони факултет мебошад.

Таърихи (7.12.2024) устоди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», санаи (14.12.2024) устоди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Шерализода Миралӣ Шералӣ дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии ҶТ» ва санаи (21.12.2024) устоди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносӣ Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, идораи моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат ва ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдуллозода Б.В., Шерализода М.Ш. ва Абдулаҳадзода С.А. бо ин дастоварди арзишманди илмияшон самимона таҳният гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи илмиашон барору комёбиҳои нав ба навро таманно менамоянд.



# ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАС ДАР ДУЮМИН БОЗИИ КОРИИ СУДИИ МИЛЛӢ

Санаи 12-уми декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Дуюмин Бозии кории судии миллӣ аз ҷониби Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) дар доираи лоиҳаи «Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат» баргузор карда шуд.

Дар озмун дастаҳо аз 6 макотиби олии кишвар ширкат варзиданд. Озмуни мазкур бо иштироки коршиносони байналмилалӣ ва намояндагони Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар озмуни мазкур Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро 10 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ таҳти роҳбарии устодони факултет - Муродзода У.У. ва Одинаева Н. муаррифӣ намуданд.



Боиси хушнудист, ки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо қарори якдилонаи доварон дар номинатсияи «Донишҷӯён бо зиёдтарин дастовард» ғолиб дониста шуда, ғолиби ҷоми номинатсияи мазкур гардиданд.

# ҲУҚУҚИ ИНСОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛӢ

Рӯзи 6-уми декабри соли 2024 дар факултети ҳуқуқшиносӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» конференсияи байналмилалӣ доир гардид.

Декани факултети ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Парвон Зайналобуддин бо ёдоварӣ аз Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 инчунин аҳаммияти онҳо дар ташаккули қонунгузории миллӣ, дастовардҳои ҳуқуқшиносони тоҷик дар самти қонунгузорӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ суханронӣ намуд.

Дар кори конференсия олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, намояндагон аз вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ВАО, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, инчунин устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.



Изҳори умед карда шуд, ки конференсияи мазкур дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии мутахассисони соҳа, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муассири худро хоҳад гузошт.




# ҒОЛИБИЯТ МУБОРАК!

Донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар баробари таҳсил, инчунин, ба соҳаи варзиш низ шавқи зиёд доранд. Гурезов Каримҷон аз ҷумлаи донишҷӯёни фаъол ва дӯстдорони варзиш мебошад, ки дар чандин мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гаштааст.

Ин навбат, Гурезов Каримҷон – донишҷӯи курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ дар мусобиқаи ҷумҳуриявии «Ҷоми Тоҷикистон» оид ба гӯштини тарзи озод ширкат варзида, дар вазни 92кг сазовори ҷойи сеюм гардид.



# ТАШАББУСИ ШОИСТАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА

**(дар ҳошияи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба қабули қатъномаи махсуси СММ оид ба “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”)**



**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба обу иқлим ва таҳкими амнияти умумибашарӣ дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда, мавриди баррасии дақиқ қарор гирифта, дастгирии ҳамаҷониба ёфтаанд.

Ин равандро метавон густариши фарҳанги сиёсӣ ва пешрафти дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани роҳ ба сӯйи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Сарвари давлат корҳои муҳимеро сомон доданд, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд гуфт, ки нақши Пешвои миллат дар эҳёи ташаббусҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон назаррас маҳсуб мегардад, чунки то ин муддат зиёда аз панҷ ташаббуси байналмилалии муҳтарам Ҷаноби Олӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии амиқ пайдо намудааст. Агар ба заминаҳои таърихӣ-бунёдии нақш ва мавқеи Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти об дар миқёси минтақа ва ҷаҳон таваҷҷуҳ намоем, он аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ва равобити мустақими байналмилалӣ бо дигар мамлакатҳо ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ сарманшаъ мегирад.

Дар баробари таваҷҷуҳи вижа ба масоили обу иқлим ва дар ин самт пешниҳод намудани як қатор таклифҳои созандаву саривақтӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти таъмини сулҳу амният дар ҷаҳон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва кишварҳои ҷаҳонро барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба иқдомҳои созандаву муҳим даъват менамоянд.

Ҳамзамон, ин навбат 23 сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҳамоиши Оянда иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронӣ таъкид доштанд, ки “ин нишаст барои баррасии мушкилоти тағйирёбии иқлим, рафъи камбизоатӣ, ҳифзи сиҳатии омма, вазъи зиндагии занон, таҳсилоти фарогир ва дигар масъалаҳои глобалӣ боз як имконияти муносибро фароҳам овардааст”.

Зимни таҳлили вазъи мураккаби сиёсӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла, хавфу таҳдидҳои муосир ба сулҳу амният, Сарвари давлат изҳори итминон намуданд, ки иштирокдорони ҳамоиши имрӯза барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти сохтори байналмилалии молиявӣ ва такмил додани вокунишҳои байналмилалӣ ба хатару таҳдидҳои муосир тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки кишварҳои олам бояд аз иқдомҳои муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигиранд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” қабул карда шавад.

Иқдоми мазкур бори дигар аз сулҳофару ваҳдатпарвар будани миллати тоҷик гувоҳӣ дода, беҳтарин муждае барои тамоми башарият хоҳад буд. Зеро сулҳу субот ва оромишу осоиштагӣ асоси пешрафт, зиндагии арзанда, рушди босуботи ҷомеа ва волотарин арзишҳои инсоният маҳсуб мегарданд. Ҳамзамон, зарур дониста шуд, ки Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин, муассисаҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ дар ҳамоҳангсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади расидан ба рушди устувор иқдомҳои фаъолтарро роҳандозӣ намоянд.

## ТАҶРИБАИ СУЛҲОФАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои олам нодиртарин намунаи бо роҳи осоишта ҳал кардани низоъҳои дохилиро нишон дод, ки онро саҳми Тоҷикистон дар таърихи сулҳоварӣ гуфтан иштибоҳ намешавад.

**Кофи АННАН, собиқ дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид**

Сулҳу амният, ки гаронарзиштарин сармояи инсоният ба шумор рафта, ҳамчун кафили зиндагии арзанда барои одамон маҳсуб мегарданд, маҳз бо талошу кӯшиш ва заҳматҳои муттаҳидкунандаи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ба даст меоянд. Ваҳдату осоиштагӣ ва сулҳи сартосарии Тоҷикистони азиз низ, ки бо тай намудани душвориҳои зиёд ва ба харҷ додани талошҳои бешумор ба даст омадаанд, ба корномаи шахсияти намоёни сиёсати ҷаҳонӣ, фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошанд.

Маҳз иродаи қавӣ, талошҳои пайваста ва ҷонбозиҳои фарзанди барӯманди миллат Эмомалӣ Раҳмон боис бар он гардид, ки дар кӯтоҳтарин муддат сулҳу амният дар Тоҷикистон барқарор шавад ва садҳо ҳазор гурезагони иҷборӣ ба Ватан баргарданд.

Сарвари тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон вазъияти мураккаби сиёсӣ аз аввалин роҳбароне шуд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба муборизаи дастаҷамъона алайҳи ҳама гуна хатарҳо, ки бар зидди сулҳу амнияти ҷаҳонӣ равона шудаанд, даъват намуданд. Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон ва фарҳанги волои ваҳдатофаринии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати нодиртарин дастоварди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти ба даст овардани сулҳу ваҳдат маҳсуб мегардад. Зеро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хуб дарк намуданд, ки ба даст овардани ваҳдати тоҷикон танҳо дар сурати муколама ва гуфтушуниди тарафҳо имконпазир аст.

Барқарорсозии сулҳу амният дар Тоҷикистонро метавон аз заҳматҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуд, ки на танҳо барои тоҷикон, балки барои тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дастоварди муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро, амнияту оромиши Тоҷикистон бо назардошти мавқеъ ва имкониятҳои ҷуғрофии он кафили сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон маҳсуб мегардад.

Ҳамин аст, ки имрӯз ин механизми сулҳофарии тоҷиконро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон барои хомӯш намудани даргириҳои гуногун истифода мебаранд. Воқеан ҳам ба даст овардани сулҳ бо истифода аз роҳҳои дипломатӣ дар шакли гуфтушунид ва муколамаҳо ҷомеаи ҷаҳониро водор сохт, то ақидаи худро оид ба сулҳу амният ва роҳҳои ба даст овардани он тағйир диҳанд. Имрӯз фазои сулҳу осоишта ва ваҳдати сартосарии тоҷикон имкони бештар фароҳам овардааст, то Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масоили гуногуни глобалӣ аз қабили мушкилоти обу иқлим, ҳифзи табиат, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва амсоли инҳо ташаббусҳои созанда ва ҷаҳониро нишон диҳад.

Маҳсули заҳматҳои шоистаи Пешвои миллат дар он аст, ки кишвари мо дар масири 33 соли истиқлолият ба сулҳу ваҳдати миллӣ расида, дар ин марҳила, қонунгузории миллии худро бунёд намуда, низоми самараноки мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ташкилу такмил ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо мустаҳкам карда шуд.

Дар давлатдории навини Тоҷикистон барои поягузорӣ намудани сулҳу ваҳдати миллӣ ва якдиливу заминагузории ормонҳои наслҳои минбаъдаи халқу миллати тоҷик нақши меҳвариро маҳз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро кардааст. Баргузории ин Иҷлосияи таърихӣ ва қарорҳои тақдирсози он дар бунёди сулҳу ваҳдати миллӣ, эъмори комили истиқлоли давлатӣ, рушди ниҳоди президентӣ ва гузариш ба шакли сохти низоми идоракунии президентӣ дар кишвар заминаи воқеӣ гузошт. Иҷлосия ҳадафҳо ва самтҳои стратегии рушди минбаъдаи давлати Тоҷикистонро эълон кард.

Ҳарчанд истиқлоли воқеии сиёсӣ, ваҳдату ягонагӣ, эҳёи рукнҳои давлатдории ҳуқуқбунёд, таъмини сулҳу субот дар қаламрави Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон солҳои 90-уми садаи гузашта барои мардуми мамлакат ниҳоят мудҳишу гарон афтод, вале маҳз зуҳури раҳмонии фарзанди фарзонаи миллат, родмарди ҷавону матини арсаи сиёсат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки давлатдории мустақил аз вартаи нестшавӣ эмин монд.

Пажӯҳишгарони гузаштаву муосир тоҷиконро ҳанӯз аз замонҳои дури таърихӣ бо ваҳдатсолориву фарҳангпарварӣ, бунёдкориву созандагӣ ёд менамоянд. Ҳамгироию ҳамзистӣ дар муҳити зисти солим дар ҳама давру замонҳо аз ҷумлаи шартҳои асосии ҳамбастагии башарият будааст. Таҳаммулпазирӣ ва сулҳу ваҳдат дар тинати мардуми тоҷик ба арзишҳои муқаддасе табдил ёфтаанд, ки бо маҷрои равони мо сиришта шуда, дар ташаккули хулқу атвор, фарҳанг ва зиндагии маънавии ҷомеаи мо нақши бунёдӣ доранд.

Ҳамин аст, ки чунин таҷрибаву фазои ваҳдатофарӣ заминаҳои таърихидоштаи миллати тоҷик дар шароити кунунӣ барои кулли аҳли башар ва мамолики ҷаҳон василаи зарурӣ ва муҳим дар роҳи эъмори сулҳ ва таҳкими он гардидааст. Дар ин раванд, пешоҳанг будани ҷониби Тоҷикистон хоссатан ташаббускории Пешвои миллат дар самти таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда иқдоми шоиста ва инсонмеҳвару ваҳдатофар барои кулли сокинони сайёра маҳсуб мегардад.

## “ДАҲСОЛАИ ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА”

Санаи 24 сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк дар Мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокдорони ҳамоишро ба вазъи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳон ҷалб карда, таъкид доштанд, ки равандҳои пуртазоди геосиёсӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, шиддат гирифтани ҷанги сард, низоъҳои мусаллаҳона, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатару таҳдидҳои глобалӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт.

Қобили тазаккур аст, ки суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҲамоишиОяндаи Созмони Милали Муттаҳид бори дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба арзиши суботу оромии башарият, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои судманди кишварҳои ҷаҳон ва муборизаву муқовимат бо таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷалб намуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳониро ба мақсади ҳифзи амну субот ва таъмини рушди устувор зарур шумурда, ба сарони давлатҳо муроҷиат намуданд, ки бо мақсади дастрасӣ ба ин ҳадафҳо ва хотима бахшидан ба ҳамаи ҷангу низоъҳо ва амалисозии ҳадафҳои сулҳҷӯёна муттаҳид шаванд. Бояд қайд кард, ки масоили мубрами аҳли сайёраро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дода, пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад.

Пешниҳоди нави Президенти кишвар дар Ҳамоиши сатҳи баланди Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид заминаҳои саривақтӣ дар дарки масоили мубрами ҷомеа буда, бо ибрози андешаву пешниҳодҳои олимону донишомӯзони кишвар роҳҳои хубтару беҳтар барои пешгирӣ ва мубориза бо чунин хатарҳо кӯмак хоҳад расонд. Ҳамин муҳаббату дилбастагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз чун роҳбари дилсӯз ва тарғибгари сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳо ном баровардааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки давлати Тоҷикистонро бо ин абармарди таърих на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми дунё мешиносанд. Зеро, Президенти кишвар пайваста дар форуму нишастҳои минтақавию ҷаҳонӣ тавассути пешниҳоду ташаббусҳои созанда дар ҳалли масоили мубрами сайёра нақши калидиро иҷро менамоянд.

Дар воқеъ, вазъияти ҷаҳон куллан дигаргун шуда, имкони аз нав тақсимбандии он вуҷуд дошта, дорои ғояҳои мутафовитест, ки ҳар як бо дидгоҳи худ гардиши айёмро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ин ҳамаро Президенту мардуми Тоҷикистон бо эҷоди мактаби сулҳу созандагӣ сари вақт дарк карда, аҳли оламро аз он огаҳӣ медиҳанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сиёсатмадори барҷастаи сатҳи байналмилалӣ роҳҳои асосии бартараф кардани мушкилоти умумиҷаҳониро қайд карда, муттаҳидии тамоми кишварҳои ҷаҳонро баҳри ҳамкориҳои созандаву бисёрҷониба муҳим арзёбӣ намуданд. Президенти кишвар, аз ҷумла ифроз доштанд: “Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад”.

Ҳамин тариқ, баҳри мубориза ва пешгирӣ аз хатарҳо ва роҳ надодан ба фоҷиаҳои навбатӣ пешниҳоди нави роҳбари Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад. «Вақти он расидааст, ки мо аз иқдоми муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигирем» – қайд намуданд, Пешвои миллат.

Қобили тазаккур аст, ки “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” ном гирифтани пешниҳоди мазкур бори дигар гувоҳи он мебошад, ки тамоми талошу заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо ба хотири ояндаи дурахшони насли наврасу ҷавон мебошад. Ин нуқтаро Сарвари давлат низ пайваста хотирнишон намуда, таъкид месозанд, ки тамоми талошҳои мо ба хотири Шумо ҷавонону наврасон мебошад ва аз насли калонсол даъват ба амал меоранд, то Ватани азизамонро ободу зебо карда, барои наслҳои оянда як кишвари пешрафтаву ободро ба мерос гузорем.

Бо фароҳмандиву нишот метавон баён намуд, ки пешниҳоди мазкур марҳилаи наверо дар самти таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ оғоз бахшида, барои муттаҳид намудани талошҳои алоҳидаи давлатҳо дар ин самт заминаи мусоидро фароҳам меорад. Ибтикори навбатии Пешвои миллат на фақат аз камолоти касбии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ходими намоёни сиёсӣ, арбоби барҷастаи давлатӣ ва дипломати олимақоми сатҳи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, балки мақом ва мартабаи Тоҷикистонро дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир ба маротиб боло мебарад ва ҳамчун кишвари соҳибистиқлоли сулҳовар муаррифӣ мекунад.

*Ба даст овардани Истиқлолият муҳимтарин неъмат ва волотарин воқеаи даврони навини таърихи тоҷикон ба ҳисоб меравад. Ба шарофати Истиқлолият Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28-уми декабри соли 2023 дар Паёми навбатии худ соли 2024-ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд. Ин пешниҳоди Пешвои муаззами миллат хеле муҳим ва саривақтӣ буда, ғамхорӣ нисбат ба қишрҳои мухталифи аҳолии мамлакатамон мебошад.*



Раҳмонзода Нуроншоҳ
мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ

# ЗАРУРИЯТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ТАЛАБОТИ ЗАМОН АСТ




Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён, ҷавонон, шаҳрвандон ва дигар қишрҳои ҷомеа имрӯз пешоруи Ҳукумати мамлакат қарор гирифтааст.

Ин ташаббуси Ҷаноби олӣ ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 75-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рост омадааст. Муҳимтарин саҳифаҳои дурахшони таърихи факултет ба даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ дорад.

Бинобар ин, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз бонуфузтарин ва бузургтарин макони илму маърифат ба ҳисоб рафта, ба як маҳзани бузурги илм, дониш, маърифат ва хирад мубадал гардидааст. Нуфузу эътибори ин маҳзани илму маърифат дар арсаи байналмилалӣ манзалату шуҳрати хеле баландро сазовор шудааст.

Хидматҳои шабонарӯзӣ ва заҳмату талошҳои зиёди донишмандон, муҳаққиқон, пажуҳишгарон ва омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таълиму тарбияи насли наврас ва кадрҳои баландихтисос ба хусус ҳуқуқшиносони шинохта хеле калон мебошад. Омузгорони ин боргоҳ донишҷӯёнро бештар дар руҳияи ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, меҳанпарастӣ, худшиносӣ, ва худогоҳии миллӣ тарбия менамоянд. Дастпарварони ин макони илму адаб имрӯз дар вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо, кумитаҳо, мақомотҳои баландпоя ва дар дигар ниҳодҳои кишвар хидмат менамоянд.

Онҳо дар пайравӣ аз ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал карда, масъулияти баланд нишон дода, ифтихор аз Ватану ватандорӣ намуда, дар сохторҳои мухталифи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ, ташкилоту муассисаҳо ва дигар ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ба хотири таъмини адолат, қонуният, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа, аҳолӣ ва баланд бардоштани ҳисси боварии мардум ба ояндаи неку дурахшони давлату миллат кору фаъолият намуда истодаанд.

Ман аз он ифтихорманд ҳастам, ки зиёда аз 14 сол аст, ки дар донишгоҳ кору фаъолият дорам ва дастпарвари факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошам. Боиси ифтихор аст, ки масъалаи боло бурдани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва боло бурдани саводнокии донишҷӯён, тарбияи донишҷӯён дар руҳияи меҳанпарастӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст. Ин аст, ки Ҳукумати мамлакат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус зоҳир намуда, имрӯз ба мутахассисону кадрҳои баландихтисоси забондон эҳтиёҷ дорад.

Бинобар ин, дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз масъалаҳои муҳим ва ногузир ба ҳисоб рафта, яке аз самтҳои афзалиятнок дар соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб меравад. Дар робита ба масъалаи мазкур ҷиҳати таъмини шароити мусоид барои таълиму тадрис ва касби донишҳои наву муосир аз тарафи Ҳукумати мамлакат мунтазам тадбирҳои муҳим андешида мешаванд. Зеро, роҳи наҷот аз бӯҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки метавонад таъсири манфии хешро ба бор оварад, маҳз аз низоми мукаммал ва фарогири илму маориф вобастагӣ дорад.

Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи масоили соҳаи маориф ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ эътибори ҷиддӣ дода, дар ҳар як паёму суханрониҳояшон дар алоқамандӣ ба ин мавзӯъ дастуру супориш ва таъкиду роҳнамоӣ менамоянд. Чунки Роҳбари кишвар рушди маорифи миллиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумат дониста, ғамхорӣ нисбат ба маорифро – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи миллат медонанд. Ба ин хотир Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019 № 438 қабул ва мавриди амал қарор гирифтааст.

Тавре, ки маълум аст ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди бархурди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Бинобар ин, барои омода намудани кадрҳои баландихтисоси забондони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, вусъати робитаҳои байналмилалӣ, рақобатпазир будан дар бозори ҷаҳонии меҳнат зарурати таъсис додани кафедраи забонҳои хориҷӣ дар назди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба миён омад ва моҳи июни соли 1999 кафедраи забонҳои хориҷӣ ба фаъолият шуруъ намуд, ки ин амр бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раёсати донишгоҳ ва саҳми бевоситаи садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амалӣ гардидааст.

Боварии комил дорам, ки имрӯз тамоми шароитҳои арзандаву созанда барои азбар намудани забонҳои хориҷӣ, донишҳои замонавӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии мамлакат муҳайё гардида, соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар эътироф шудааст. Моро мебояд ғамхориҳои Ҳукумати мамлакатро нодида нагирем, ба хотири пешрафту густариши Ватани азизамон саъю талош варзем, меҳнати ҳалол намоем, манфиатҳои давлату миллатро ҳифз намоем, ватанамонро дуст дорем, хушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва аз давлату миллати худ ифтихор намоем. Мо устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳадафи асосии кори хеш қарор дода, дар тарбияи ҷавонони ояндасози миллат камари ҳиммат хоҳем баст.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, устодони иззатманд, олимон, донишмандон, муҳаққиқон, хатмкунандагон, донишҷӯён, ҳамкорон, ҳамкасбон ва дигар намояндагони соҳаро ба шарофати ҷашни 75-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардидани соли 2024-ро ба Шумо шодбош гуфта, бароятон умри дароз, сарбаландӣ, тани сиҳат, хонаи обод, ва дар иҷрои рисолати пуршарафи хеш пешравӣ, комёбӣ, сарбаландӣ ва муваффақияту бурдбориҳои беназир таманно дорам.

# АСОСҲОИ УМУМИИ ТАЪЙИНИ ҶАЗО

**Мутобики моддаи 46 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад".**



**Сомон АМИРХОНОВ**
котиби маҷлиси судии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

Ин маънои онро дорад, ки танҳо суд метавонад, оид ба гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир намудани ҷиноят хулоса барорад ва нисбати шахси гунаҳгор ҷазои сазоворро таъин намояд. Ҳангоми таъини ҷазо суд асосҳои умумии таъини ҷазоро ба инобат гирифта, нисбати шахси ҷиноят содирнамуда ҷазои адолатнокро таъин менамояд. Ба адолат мувофиқ будан, ин аз таҳқиқи пурра, объективона ва ҳаматарафаи ҳолатҳои содир намудани ҷиноят ва дуруст банду баст намудани он, яъне ишора ба банд, қисм ва моддаи Кодекси мазкур вобата мебошад.

Мувофиқи қисми 2-и моддаи 60 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, дар доираи муқаррарнамудаи моддаи Қисми махсус бо дарназардошти муқаррароти Қисми умумии ҳамин Кодекс ҷазои сазовор таъин карда мешавад. Яъне ҳангоми таъини ҷазо ҳам Қисми умумӣ ва ҳам Қисми махсуси Кодекси мазкур ба назар гирифта мешавад. Масалан, аз Қисми умуми принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аз қабили қонуният, баробари дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ба эътибор гирифта мешавад. Махсусан пеш аз таъини ҷазо моддаи 8 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд" ва моддаи 9 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ба шахси ҷиноят содирнамуда, бояд ҷазое таъин гардад ё чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ раво шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад", яъне саравал ин принсипҳо аз Қисми умуми ба назар гирифта шуда, баъдан ҷазо таъин карда мешавад, ки мақсади ҷазо ин расонидани озори ҷисмонӣ ва паст задани шаъну шарафи инсонро надошта, балки танҳо барои ислоҳи шахси гунаҳгор ва пешгирии ҷиноятy ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад.

Намуди ҷазои нисбатан сахтар аз ҷумлаи ҷазоҳое, барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 24 феврали соли 2005 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо" пешбини гардидааст, ки бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии содиршуда ва маълумотҳо оиди шахсияти судшаванда ба суд лозим аст, масъалаи таъин намудани ҷазои нисбатан вазнини бо қонун пешбинишударо нисбати шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил, иттиҳодияи ҷиноятӣ, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, дар ҳолати редсидив, агар ҳолатҳое, ки аз руи қонун сабук ҷазоро тақозо менамоянд, муқаррар нашуда бошад, гунаҳгор дониста шудааст, муҳокима намояд. Ин маънои онро дорад, ки агар аз ҷониби суд ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда муҳокима карда шуда, муайян карда шавад, ки ҳолатҳои вазнинкунанда нисбати ҳолатҳои сабуккунанда бештар ва чашм мерасад ва ҳангоми таъини ҷазои сабук барои ислоҳи ӯ нокифоягӣ кунад, дар ин ҳолат суд метавонад нисбати шахси ҷиноят содирнамуда ҷазои вазнинтаро таъин намояд.



Таъини ҷазо марҳилаи охирини мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ суд ҳангоми таъини ҷазо принсипи фардикунонӣ яъне ҳеҷ кас ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад ба ҷуз аз кирдори содирнамудаи худ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ фардӣ буда, шахс ба ҳамон кирдоре ки худаш содир намудааст ба ҷазо мебинад. Хусусияту дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ яъне муайян карда мешавад, ки кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон ё зери хатар гардидааст. Муносибатҳои ҷамъиятӣ ин арзишҳои шахсӣ, ҷомеа ва давлат буда, таҳти ҳимояи қонун қарор дорад. Ба муносибатҳои ҷамъиятӣ пеш аз ҳама ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолии, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад, ки ҳар кадоме дар Қисми махсуси Кодекси мазкур дар алоҳидагӣ ҷойгир карда шудааст. Шахсияти гунаҳгор яъне ҳолати ҷинсии ӯ мард ё зан, синну сол, вазъи саломатӣ, қобилияти корӣ, дар кадом оила ба воя расидааст, муносибати ӯ дар оила ба назар гирифта мешавад. Андозаи зарар яъне муайян карда мешавад, ки зарари расонида шуда моддӣ, маънавӣ ё ҷисмонӣ аст. Агар зарар моддӣ бошад, миқдори он зарари калон ё махсусан калон, агар зарар ҷисмонӣ бошад, миқдори он зарари вазнин, миёна ва сабук ба инобат гирифта мешавад. Ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда яъне ҳолатҳои сабуккунанда мутобиқи моддаи 61 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал содир намудани ҷиноят, ноболиғ будани гунаҳгор, кудаки хурдсол доштан, дар ҳолати мудофиаи зарури содир намудан, дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ содир намудан, бевосита пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ, барқарор намудани андозаи зарари расонидашуда ба ҷабрдида ва моддаи 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои вазнинкунанда такроран содир намудани ҷиноят, дар ҳолати редсидив қарор доштан, нақши махсусан фаъол доштан дар содир намудани ҷиноят, дар шарики бо шахсони дигар содир намудани ҷиноят, бо бераҳмии махсус содир намудани ҷиноят муҳокима карда мешавад. Дар умум аз ҷониби суд ҳамаи ин ҳолатҳо принсипи фардикунонӣ, хусусияту дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ, шахсити гунаҳгор, ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, тарзи содир намудани ҷиноят, андозаи зарраи расонидашуда, ҳалатҳои сабуккунанда ва вазнинкунада ба назар гирифта шуда, ба шахси ҷиноят содирнамуда ҷазои сазовор таъин карда мешавад.

Барои пешгири намудани ҷинояту ҷинояткорӣ пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шуури ҳуқуқии аҳолӣ, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро соли "Маърифати ҳуқуқӣ" эълон намудаанд, ин ҳадафи асосии барои пешгири ва кам намудани ҷинояту ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад, чунки шаҳрвандон мафҳум ва моҳияти Конститутсия ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дуруст дарк намоянд, ба ҷинояту ҷинояткорӣ даст назананд. Нақши таъсирбахши оила ва муассисаҳои таълимӣ хело муҳим мебошад, чунки онҳо бо шаҳрвандон аз овони хурдӣ меъёрҳои ахлоқу ҳуқуқро шинос намуда, риоя намудани ин меъёрҳоро фаҳмонда, дар рушди меъёрҳои ахлоқу ҳуқуқ ҳиссагузор мебошанд.

Нақши волидон дар пешгири намудани ҷинояту ҷинояткорӣ хело муҳим мебошад, зеро бисёре аз ҷинятҳое ки байни ноболиғон содир мешаванд, ин бе назоратии волидон мебошад, ки фарзандони онҳо ба шабгардӣ ва оворагардӣ машғул буда, ба ҷиноятҳои дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, авбошӣ даст мезананд. Роҳҳои дигари пешгири намудани ҷиняоту ҷинояткорӣ ин ҷалби онҳо ба китобхони, нашр намудани маводҳои ҷопӣ, анҷом додани корҳои илмӣ, ҷалби онҳо ба омухтани касбу ҳунар ва гирифтани дониши кофӣ зарур мебошад.

# ИФРОТГАРОӢ – ДОҒИ РӮЗ

Тибқи баҳисобгирии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 70% - и аҳолиро наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд. Наврасону ҷавонони кишвар аз сабаби паст будани савияи донишҳои илмӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва иттилоотӣ ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтида, ба ҳар гуна амалҳои зиддиинсонӣ даст мезананд. Омили дигаре, ки наврасону ҷавонон ба ин гурӯҳҳо ҳамроҳ мешаванд ин омил иқтисодӣ яъне, камбизоативу бекорист, пас мақомоту сохторҳои дахлдори давлатӣ дар ин бора чораандешӣ кунанд. Чаро ман омили иқтисодиро ибрoз намудам, чунки ҳамон гурӯҳҳои ифротӣ ба ингуна афрод аз тариқи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ҳаргуна ҷойҳои кории холиро бо маоши хело хуб пешниҳод менамоянд, то ки ҷавонону наврасон шавқманд шуда , бо онҳо ҳамсӯҳбат мешаванд. Албатта он гурӯҳҳои ифротӣ чунон мутахассисони варзидае омода менамоянд, ки онҳо мағзшӯии ҷавононро ба дараҷаи воло тавонанд ва албатта оқибати ин ҷавонон ба амалҳои террористию экстремистӣ оварда мерасонад.



Азиз ҲАСАНЗОДА
донишҷӯи соли 1

Пас чи тавр метавон роҳи чунин мағзшӯиҳоро гирифт? Ба андешаи ман чораҳои ҳавасманд гардониву ҷойҳои корӣ бо маоши арзанда таъмин намудани аҳолӣ, аз он ҷумла ҷавонон, инчунин шахсони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ, ки бо ном «Блогерон» хеле машҳуранд , вазифадор намудани онҳо барои омода намудани видеороликҳои дорои хусусияти ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дошта бо саҳнаҳои ҷолибу диққати ҳамагон. Чуноне ки шоҳид ҳастем шабакаҳои иҷтимоӣ ҷузъи зиндагии ҳар яки мо шудааст, аз он ҷумла ҷавонону наврасон.

Омили дигаре ки ҷавонону наврасон мутеъи андешаҳои ифроти мешаванд, ин надоштани савияи дурусти донишҳои динист, ки албатта оқибатҳои нохушоям дорад. Пас бояд аз тариқи ходимони дин ба тамоми мардум фаҳмонидани ҷузъиёти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии сокинони кишвар роҳандозӣ карда шавад. Инчунин барои беҳтар намудани савияи донишҳои ҳуқуқии наврасону ҷавонони кишвар озмуни ҷумҳуриявӣ ба монанди дигар озмунҳо аз қабили «Фурӯғи субҳи донои китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат» ва дигарон озмун дар бораи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии сокинони кишвар роҳандозӣ карда шавад, ки албатта роҳи пешгирӣ намудани вақткуши ва ҳамроҳ нашудани ҷавонону наврасон ба гурӯҳҳои ифротист.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззам миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамоянд: «Пеш аз ҳама, бояд дар сари ин проблема андеша кунем, ки дар давраҳои хеле ҳассоси тезутунд шудани муносибатҳои байни абарқудратҳо барои ҷорӣ намудани низоми нави ҷаҳондорӣ, сарфи назар аз мавҷудияти ақидаҳои мухталифи сиёсиву динӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа, мо барои ҳифзи сарвати бузургтарин ва бобақои худ, яъне Ватан ва Истиқлолияти милливу давлатии худ зиракиро аз даст надиҳем.»

Чуноне Пешвои миллат ибрoз менамоянд: Ҷавононояндаи давлату миллатанд» пасояндаи давлату миллат, ки дар дасти мо ҷавонон бошад, мо набояд ин давраи беҳтарини ҳаёти худро ба манфиати гурӯҳҳое, ки дар ниқоб худро ҳамчун инсондӯсту адолатпешша, аммо дар асл хоини давлату миллатанд бигзарем. Мо ҷавонони содиқи кишвар дар сиёсати шарафмандонаи Пешвои миллат устувор ва саҳми арзандаи худро дар ободонии ин Ватани биҳиштосои Тоҷикистон хоҳем гузошт.



# ТЕРРОРИЗМ
## ВАБОИ АСР

Баробари шунидани худи номи терроризм ё ба забон овардани ин вожаҳо вуҷуди касро тарсу изтироб фаро гирифта, эҳсоси нороҳатӣ ҳис мекунад. Касеро воҳима, дигареро нафрат ва ҳиси бад домангир мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон чун худ як сиёсатмадори бузург ва дурандеш мебошад, терроризмро чунин маҳкум кардааст: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро ба ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд». Чун




солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳими рӯз, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, ин экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроти номатлубу хатарзо мебошад. Ин қабил гурӯҳу ташкилотҳо ба хотири расидани мақсаду матлабҳои нопоки худ бо боваркунонидани насли ҷавони ҷомеаи муосир роҳ меандозанд. Нақшаҳои пеш таҳия карда шудаи паси пардагӣ, ки онҳо хусусияти оммавӣ надошта, танҳо барои манфиатнок будан, мақсадмандона ҷорӣ кардани фикру ақидаҳои худ, маҳз тавассути ҷавонони гумроҳ ва фирефташуда равона кардани амалу рафторҳои ғайриахлоқӣ-ин хусусиятҳои ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошад. Яке аз сабабҳои зуд ҷорӣ ва паҳн шудани ин ҳаракатҳо ба назар нагирифтан, эътибор надодан ва дарк накардани ин мафҳум аз тарафи мардуми ҷаҳон мебошад, ки ин маризӣ рӯз то рӯз авҷ гирифта истодааст ва яке аз масъалаҳои ҷаҳонӣ шуда ба вабои аср табдил ёфтааст. Худи ҳозир агар аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чашм андозем мафҳуми терроризм чунин шарҳ дода мешавад: «Ин содир намудани намудани амалҳое мебошанд ки ба одамон хатари марг ба миён меоваранд, истифодаи он мақсад ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ, зӯроварӣ ва зулм фишороварӣ, таҳқир ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад».

Имрӯзҳо бисёре аз ҷамъи ҷомеа вожаҳои терроризму экстремизмро бо ислом як мафҳум дониста, асос ва пояи ташкили ин гурӯҳҳоро дини Ислом медонанд. Ин фикру андешаҳо доир ба дини Ислом хато мебошад, чунки воқеъияти ҳол ин аст ки гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз шариату гуфтаҳои ислом мардумро ба худ наздик карда, дар асоси фиреб додани мардум ташкилотҳои худро барпо месозанд. Доир ба ин гуфтаҳо суханони Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон далели раднопазир мебошад: «Мутаасифона, дар тафаккури доираҳои муайяни Ғарб чунин ақида ҷой гирифтааст, ки гӯё экстремизм хоси табиати дини Ислом- яке аз динҳои ҷаҳонӣ бошад. Чунин муносибат ба мардуми мусулмон, ки аз уқёнуси Ҳинд ва Ором то уқёнуси Атлантик маскунад ва панҷ яки аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, аз рӯйи инсофу адолат нест. Дини мубини ислом чун ҳама динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозӯъ ҳидоят намуда, ҳамагуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Бинобар ин терроризм ва экстремизмро ба ислом пайванд додан хатои маҳз аст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ва миллат хос нест. Инро бояд ҳама дарк намоянд». Домангири ҷавонон шудани ин намуд гурӯҳҳо:

-аз адолат дур будани воқеияти низоми ҷаҳонӣ;
-сатҳи пасти маърифатнокӣ;
-ихтилофи фарҳангӣ;
-миллатгароӣ ва маҳалгароӣ;
-камбиазоатии мардум мебошад.

Гар мардум аз таърихи гузаштаи худ воқиф бошанд, худшинос ва хештаншинос бошанд ба ҳеҷ ваҷҳ фирефта намешаванд ва ба сайди гургони одамсурат намеафтанд. Хулосаи ман ҳамин аст, ки чун мо ҷавонон-ояндаи миллатем, ки ин суханҳо бевосита ба Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон тааллуқ доранд, маҳз мо ояндасози миллатем. Танҳо тавассути мо ҷавонон тақдируояндаи миллат равшан мегардад, агар мо ҳамеша дар роҳи илму маърифат, донишандӯзӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ бошем. Ва ман ҳамчу як ҷавони комилҳуқуқ дар ободии кишвари худ саҳм гузоштанро дареғ намедорам ва кӯшиш ба пешрафти Ватани азизамон мекунам.



Наҷмуддинова Фотима
донишҷӯи соли 1

# ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ПЕШГИРИИ ОН

*Истилоҳи зӯроварӣ дар оила маънои рафтори бераҳмонаи як нафар нисбати дигар нафаре ки бо ӯ дар муносибати наздике қарор дорад, фаҳмида мешавад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва умуман, дар адабиёти ҳуқуқӣ шаклҳои зерини амалҳои зӯроварандаро ҷудо мекунанд:*

*Зӯроварии ҷисмонӣ*
*Зӯроварии психикӣ*
*Зӯроварии шаҳвонӣ*

Зери мафхуми зӯроварии ҷисмонӣ амалҳои зерин дар назар дошта мешавад: куштор, лату кӯб, маҷбури искоти ҳамл кардан, куштани кӯдаки навзод, барои нагирифтани кӯмаки тиббӣ маҷбур сохтан. Дар зери мафҳуми зӯроварии психикӣ бошад пеш аз ҳама маҳдуд сохтан дар рафтор, таҳдид, никоҳи маҷбурӣ ва ба ин монанд фахмида мешавад. Зӯроварии шаҳвонӣ гуфта чунин амалҳо дар назар дошта мешаванд: таҷовуз ба номус, инсест ба ҳама гуна талоши шаҳвонӣ фаҳмида мешаванд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ зӯроварӣ дар оила масъалаи пӯшида буда, муҳокимаи он қатъиян манъ буд. Бо он танҳо криминологҳо ва дигар мутахассисон ҳангоми омӯзиши масъалаи ҷиноятҳои оилавӣ сарукор доштанд. Дар қонунгузории ин мамлакат объекти аввалиндараҷаи ҳифзнамоӣ танҳо манфиатҳои давлатӣ ва моликияти ва моликияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, зуроварӣ дар оила ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ ҷой дошта наметавонист.

Одатан омӯзиши зӯроварӣ дар оила мувофиқи Кодекси ҷиноятӣ танҳо ҳангоми истифода бар зидди зӯроварии ҷисмонӣ дида баромада мешуд. Оид ба паҳлӯҳои гуногуни ин зуҳуроти иҷтимоӣ, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад танҳо дар доираи зӯроварии ҷисмонӣ ишора мешуду халос.



Яке аз сарчашмаҳои асосии бадбахтӣ дар оила ин зулм аст, хушунат аст, ки яке аз ҳамсарон бар дигаре раво мебинад. Хушунат дар оила ҳуқуқвайронкунии ҷиддие мебошад, ки муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии ҶТ барои он ҷазо пешбинӣ кардааст. Масъалаи «Зӯроварӣ дар оила» яке аз масъалаҳое мебошад, ки имрӯз тахти муҳофизат ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» 19-уми марти соли 2013 таҳти рақами 954 ба тасвиб расид, ки мақсади қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. Тибқи малумоти илми равоншиносӣ дар зиндагонӣ ҳар як рафтору кирдоре, ки дар оила рух медиҳад, дар асаби кӯдак ҳамчун навори кино сабт мешавад, агар мо дар ин самт бо якдигар ғамхору мушвиқ набошем, ахлоқи хубу рафтори шоистаро анҷом надиҳем, ба ҳолатҳои ногувор дучор мегардем ва аллакай дар мафкураи кӯдаки мо лаҳзаҳои нохуш сабт мегарданд, ки дар оянда ба зиндагонии кӯдак заминаи хуб гузошта наметавонад. Хушунат метавонад сарчашмаи бефарҳангӣ, дағалӣ, беэҳтиромӣ бошад. Дар оила лату кӯб кардан, дод гуфтан, таҳқир кардан, рафтори дурушт намудан дар назди фарзандон, махсусан ноболиғон дар ахлоқи мо раво нест. Бинобар ин, бунёди оиларо бо муҳаббати тарафайн сохтан лозим,то ки пойдору мустаҳкам бимонад. Чуноне ки халқ гуфтааст. «Биҳишти мард дар ин дунё оилаи хуб аст», яъне ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки дар зиндагии ҳамсарӣ шоду осуда зистан аз муҳимтарин рукнҳои зиндагии одамон аст. Таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон оиди пешгирии зӯроварӣ дар оила мансуб мешаванд.



Расулова Шукрона
донишҷӯи соли 1

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**“Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, ки ин барои тамоми ҳуқуқшиносон нишонаи хушҳолӣ буда, масъулиятро дар самти рушду инкишофи донишҳои ҳуқуқӣ миёни аҳолӣ ва дигар ниҳодҳо афзун менамояд. Мавзуи мазкур ҳанӯз аз аҳди қадим то ба имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ қарор гирифта, имрӯз мубрамияти он бештар аз ҳар вақти дигар мазмуни навро касб намудааст. Дарвоқеъ, маърифати ҳуқуқӣ аз андешаи он васеътар буда, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Барои бунёди давлати соҳибихтиёру демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ зарур аст, ки шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи маданӣ кишвар дорои донишҳои баланди ҳуқуқӣ бошанд. Зеро, ба ин васила



Файзализода Шабнам
донишҷӯи соли 1

эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои миллӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ, ба маротиб зиёд мегардад. Ҷомеае, ки дорои маърифати ҳуқуқии баланд мебошад, ба қонуншиканӣ даст намезанад. Баръакс пайваста барои эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, волоияти ҳуқуқ ва адолату таҳкими қонуният кушиш менамояд. Таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон омили асосии пойдории тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу субот ва оромию осоиши ҷомеаи маданӣ мебошад. Бинобар ин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар замони муосир аз аҳамияти бузург бархӯрдор буда, ба ташаккули дониш ва шуури ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ замина мегузорад. Дар баробари ин бояд гуфт, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи принсипҳои демократӣ, қонуният, баробарӣ ва танзими самаранокии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бе мавҷудияти маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуурнокии ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаҳмондани мазмуну мухтавои ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои конунии шаҳрвандон ғайриимкон аст. Дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хело муҳим пайдо намудааст. Аз ин рӯ, шаҳрвандони Ҷмҳурии Тоҷикистон, ба хусус олимону донишмандон барои рушди “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ва дар маҷмуъ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бояд сахми бориз гузоранд. Зеро, танҳо тавассути баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ё донишҳои ҳуқуқӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ рушду густариш меёбад.



# СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР ПАРТАВИ ОН



**Шарифзода Диёр**
**Прокурори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, мониторинги қонунгузорӣ ва маркази матбуоти Прокуратураи генералӣ**

*Коррупсия яке аз падидаҳои номатлуби ҷомеаи имрӯзаи мо ба ҳисоб рафта, таърихи қадима дорад. Мутаассифона то имрӯз дар байни бисёр халқу миллатҳо ин амали номатлуб дида мешавад. Агар пояи ҳокимият пулодвор мустаҳкам бошад ин зуҳуроти номатлуб оҳиста оҳиста онро хароб месозад. Аз сабабе, ки коррупсия мушкилоти мубрами асри 21 донистa шудааст, диққати як қатор давлатҳо ва созмонҳои умумиҷаҳониро, ба мисоли СММ ба худ ҷалб намудааст. Барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза беамон бо коррупсия хотирнишон бояд сохт, ки 31-уми октябри соли 2003 Конвенсия Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия қабул гардид.*




Бо назардошти аҳамиятнокии масъалаи мазкур аз соли 2003 бо ташаббуси Маҷмаи кулли Созмони Милали Муттаҳид 9-уми декабр ҳамчун рӯзи мубориза бар зидди коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин ҳуҷҷати мазкур 25-уми сентябри соли 2006 бо роҳи изҳори иродаи худ ҳамроҳ гашта, ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16-уми апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Баъд аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар душвориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ проблемаи коррупсия низ дида мешуд. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи Истиқлолияти давлатӣ 8 сентябри соли 1997 иброз намудаанд: «Барои мо тоҷикон муҳим аст, ҷиҳати хотима бахшидан ба порахурӣ, таллаву тороҷ кардани амволи давлатӣ, амвол ва саҳмияҳои халқ ва дигар ҷиноятҳои вазнин ба ягон кас, ба ягон мансабдор, сарфи назар аз обрӯ ва заҳматҳои қаблӣ сустқавлӣ нанамоем, зеро давлат барои хиёнати иқтисодӣ, амалҳои зиддиконститутсионӣ, поймолкунии манфиатҳои халқ ва миллат ягон касро намебахшад». Аз ҳамин сабаб бори нахуст Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул карда шуд, ки барои мубориза ба ин падидаи номатлуб нақши муҳим бозид. Сипас соли 2005 Қонуни нав «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зиддикорупсионӣ қабул карда шуд. Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикорупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди коррупсия бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикорруписонӣ – «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис ёфт. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси кишвар се маротиба санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012”, “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” ва “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қабул карда шуд, ки онҳо аз талошҳои пайвастаи Сарвари давлат ва Ҳукумати кишвар ҷиҳати решакан кардани ин падидаи манфур гувоҳӣ медиҳанд.

Мавҷудияти коррупсия, паҳншавӣ ва афзудани он сутуни давлатдориро заиф гардонида, обрӯю нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ коста мегардонад.

Коррупсия ба яке аз бемориҳои замони муосир табдил ёфта, рӯ ба афзоиш дорад ва таҷрибаи давлатҳои мутараққии дунё нишон медиҳад, ки ҳеҷ вақт наметавон онро пурра аз байн бурд. Аз ин нуқтаи назар, бартари доштани чораҳои пешгирикунанда ва аз байнбарандаи заминаҳо ва шароитҳои зуҳури коррупсия, бояд дар сиёсати зиддикорупсионии ҳар як давлат мавқеи муҳимро ишгол намуда, ба омилҳои зерин такя намояд:

1.Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ. Яъне бо мардум наздик шудани ходимони давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, ба шаҳрвандон фаҳмондани мақсаду мароми қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо дараҷаи ҳуқукдорию амалкунии субъектон ва фазои амали онҳо мустаҳкам гаштааст.

2.Ошкоро, шафоф ва таҳти принсипи қонуният фаъолият намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, бо мақсади эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон. Заминаи сарчашмагирандаи ин омил сиёсати дурусти фаъолияти касбии хизматчии давлатӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад.

3.Беҳбуди бахшидан ба сатҳи аз ҷиҳати моддӣ ҳавасмандсозии кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, таъминоти онҳо бо ашёҳои зарурӣ ва дигар васоити илмию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии онҳо.

4.Пурзур намудани назорат аз болои фаъолияти шахсоне, ки бо харҷу дахли давлатӣ машғуланд.

5. Мусоидат намудан ба рушди маърифатнокии аҳоли ва инкишофи ҷаҳонбинии тафакурию равонӣ ва фаҳмиши ирфонии онҳо, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи ватандустӣ, масъулиятшиносӣ, худшиносии миллӣ, садоқатмандию эҳтиром ба қонун, ба муқадасоти миллӣ ва дигар арзишҳои олии инсонӣ ва софдилона ҳифз намудани амнияти иктисодӣ, иҷтимоӣ ва марзу буми кишвар.

6. Таквият бахшидан ва назорати раванди татбиқгардии қонунҳо ва асноди ҳуқуқие, ки нашр гаштаанд.

Дар охир қайд намудан лозим аст, имрӯз, мо ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд дуруст дарк намоем, ки мақсади мо бунёди давлати саҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад ва чунин «давлат танҳо дар заминаи афкори ҷамъиятии пешқадам, шафофияту ошкорбаёнӣ тавлид мегардад ва ҷомеаи ҳукукбунёд танҳо дар ҳамон вақт ташаккул меёбад, ки эҳтиром ба қонун ва риояи ҳатмии он дар дилу шуури ҳар як шаҳрванд ҷой гирифта бошад.